**ҚАРОРИ**
**Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-022-и назди**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

**аз 03.10.2019** **ш. Душанбе**

Баромади Сафарзода Эҳсон дар мавзӯи «Масъалаҳои ҳувияти миллӣ дар публитсистикаи Садриддин Айнӣ», аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Журналистика барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология, тақризи муассисаи тақриздиҳанда, баромади муқарризони расмӣ, – **Бобоҷонова Ранохон Маҳмудовна** – доктори илмҳои филологӣ, муовини Раиси Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон, **Салимзода Олим Салимович** – номзади илмҳои филологӣ, Раиси Кумитаи фарҳанг, муносибатҳои байналхалқӣ ва иттилооти Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муқарризони ғайрирасмӣ, профессорон А. Нуралиев, М. Нарзиқул, Р. Раҳмонов, Б. Мақсудов, М. Муродов, А. Азимов шунида, муҳокима карда, Шӯрои диссертатсионӣ дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулкардаи худ оид ба диссертатсия дар бораи асолат, арзиш, навоварӣ ва натиҷаҳои ба дастовардаи Сафарзода Эҳсон

**ҚАРОР ҚАБУЛ МЕКУНАД:**

1. Диссертатсияи Сафарзода Эҳсон дар мавзӯи «Масъалаҳои ҳувияти миллӣ дар публитсистикаи Садриддин Айнӣ» аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Журналистика – ба талаботи банди 2 ва зербандҳои 10 ва 11 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)»-и Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 26 октябри соли 2016, №5 тасдиқ шудааст, комилан мувофиқат мекунад;

2. Маводҳои илмии чопшудаи муҳаққиқ мазмуну мундаричаи диссертатсияро пурра инъикос менамоянд;

3. Ба Сафарзода Эҳсон дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ дода шавад;

4. Аз Комиссияи Олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон хоҳиш карда мешавад, ки ба Сафарзода Эҳсон дипломи дараҷаи илмии номзади илмҳои филологиро диҳад.

Касе, ки тарафдори ин қарори Шӯрои диссертатсионӣ бошад, хоҳиш менамоям, овоз диҳад.

Зид, бетараф? Нест. Якдилона қабул карда шуд.

Раиси Шӯрои
диссертатсионӣ, доктори
илмҳои филологӣ, профессор — Саъдуллоев Ҷ.М.

Котиби илмии Шӯрои
диссертатсионӣ, номзади
илмҳои филологӣ, дотсент — Гулназарова Ж.Б.